«Тасдиқ мекунам»
Ректори Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент
_____ Сафарзода Д.Ҷ.
«11» 09 2025 с.

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешнишод шудааст.

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз руйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич ба яке аз масоили муҳими сиёсию иҷтимоии соҳаи таълиму тарбия– татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Диссертатсия дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, мутобиқат мекунад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқ. Таълиму тарбия яке аз муҳимтарин масоили давлатдорӣ ба ҳисоб меравад, ки таъсироти бевоситаи он дар тамоми паҳлуҳои дигари ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ эҳсос мегардад. Дар саросари ҷаҳон ба самти танзими сиёсати давлатӣ оид ба соҳаи таълиму тарбия ва илму маориф диққати махсус зоҳир карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳануз аз рузҳои аввли ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба ин масъалаи ниҳоят муҳим таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Ҳануз ин масъала беш аз гузашта дар маркази таваҷҷуҳи давлату ҳукумат қарор ёфта, танзими сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ба яке аз масъалаҳои марказии сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Тавре, ки маълум аст, сиёсати давлатӣ аз ҷумла дар соҳаи маориф ва илм вобаста

ба авзоъ ва вазъи дохилию хориҷии кишвар вобаста буда, дар ростои онҳо таҳия ва танзим мегарданд. Маориф яке аз соҳаҳои калидии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳар кишвар маҳсуб мешавад. Он на танҳо ҳамчун воситаи интиқоли дониш ва арзишҳои миллӣ хидмат мекунад, балки дар ташаккули шахсият, тафаккури иҷтимоӣ ва рушди қобилиятҳои инсон нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар маркази диққати давлат қарор гирифта, ҳамчун яке аз самтҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад.

Маҳз ба ҳамин ҷиҳат, диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич, ки ба таҳқиқи масъалаи танзими сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳлилҳои сиёсию иҷтимоӣ бахшида шудааст, аҳамияти муҳими илмию амалиро доро мебошад. Мубрам будан ва зарурияти масъаларо диссертант дар он медонад, ки раванди пуршитоб ва босуръати ҷаҳонишавӣ кишварҳоро ба самти яксонсозӣ ва ягонашавии шаклҳои таҳсил ва таълиму тарбия ҳаракат медиҳад. Танзими дурусти сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф аз назари муаллиф метавонад, дар раванди ҷаҳонишавӣ ҳувият ва хушиносии миллии ҳар ҷомеаро ҳифзу намояд.

Ислоҳот ва навсозии низоми маориф ва илму тарбия яке аз заруриятҳои асосии таҳқиқи мавзуи диссертатсия ба ҳисоб меравад. Чуноне ки диссертант қайд намудааст, Тоҷикистон ба монанди дигар кишварҳои пешрафта талош меварзад, ки ҳуҷҷатҳои давлатӣ, стандартҳо, консепсияҳо ва барномаҳои худро дар соҳаи маориф таҳия намуда, рушди онро ба талаботи байналмилалӣ мутобиқ созад. Ҳукумати кишвар муҳимияти ин соҳаро ба назар гирифта, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” – ро қабул кард. Қонун имконият медиҳад, ки мувофиқ ба талаботи ҷомеаи демократӣ соҳаи маориф инкишофу рушд намояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор дар самти маориф кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки стратегияҳои нави миллӣ ва барномаҳои рушди маорифро таҳия созад. Барои амалӣ шудани ҳадафҳои статегии Ҳукумати мамлакат кӯшишҳои бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бесобиқа мебошанд. Дар диссертатсияи мазкур вобаста ба талаботи давраи гузариш

ҷиҳатҳои муҳимтарини раванди зина ба зина гузаштани таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу таҳқиқ карда шудааст, ки зарурияти омӯзиши он дар Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хеле мушаххас баён шудааст.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Дар диссертатсияи Гадоев Н.З. чанд масъала ҳамчун навовариҳои илмии рисола оварда шудаанд, ки он масоил ҳамзамон дар нуктаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, аз ҷониби диссертант мавриди ишора қарор гирифтаанд.

Яке аз он масоили навоварона мавриди таҳқиқи илмӣ қарор додани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм мебошад. Дар диссертатсия нигоҳи навоварона ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, нишон дода шудааст. Ба анедешаи муаллиф барои навсозии бомуваффақияти низоми таълим иштироки фаъолонаи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва худи шаҳрвандон зарур аст. Бинобар ин, сиёсат дар бораи маориф, на танҳо хусусияти соҳавӣ, балки хусусияти умумимиллӣ дошта, зарурияти омӯзиш ва таҳқиқоти илмию назариявии мукаммалро талаб менамояд.

Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои илмии диссертатсия, аз дақиқ будани интихоби мавзуъ, вазифаву мақсадҳои гузошташудаи муаллиф, навгониҳову методҳои мавриди истифодаи диссертатсия, дурустии маълумоти овардашудаи муаллиф ва ҳаҷми мутаносиби маводҳои илмӣ-таҳқиқотии рисола, инчунин коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва интишороти илмӣ, мақолаҳо ва маърузаҳои илмии диссертант ба даст меояд. Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии пешниҳоднамудаи муҳаққиқ, бар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои корҳои назариявӣ ва амалии диссертатсия пешниҳод мешаванд. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ методҳо ва усули илмии имрузаи соҳаи илмҳои сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва равандҳои сиёсӣ низ ҳамчун асосҳои методологӣ мавриди истифода мебошанд. Ба назари диссертант, дар ҷаҳони муосир таҳқиқоти илмиро бидуни методологияи муайян тасаввур намудан номумкин аст. Умуман, методҳои мавриди истифодаи диссертант, заминаҳои илмиро ҷиҳати таҳқиқу

баррасии илмии сиёсатҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва илм ва нақши арзандаи онҳоро дар беҳтар шудани раванди идораи сохторҳои гуногуни давлатӣ дар мисоли Тоҷикистон фароҳам намуда, шеваҳои мухталифи иҷроиши масоили дурнамои сиёсию иҷтимоии мавзуи мазкурро дар ояндаи таҳаввулоти ҷаҳони муосир аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаҳои доихилию хориҷӣ пешниҳод менамояд.

Илова бар ин, натиҷаҳои илмии диссертатсия тавассути сарчашмаҳо ва ҳуҷҷатҳои илмии таҳлилшуда асоснок гардидаанд. Дар рисолаи пеши ру ҷиҳати таъйину асоснокгардонии мавзуи кори илмӣ, беш аз 137 номгуйи адабиёти илмию иттилоотии эътимоднок ва санадҳои миъёрию ҳуқуқии расмӣ ба сурати васеъ ва арзишманд бахрабардорӣ шудааст.

Аҳамияти илмӣ-амалӣ, назариявӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқоти диссертатсионӣ. Гадоев Н.З. ҳангоми омода намудани кори диссертатсионии хеш аз маводҳои мухталифи илмӣ-таҳқиқотӣ истифода намудааст. Таҳқиқоти илмие, ки дар кишвар вобаста ба масъалаҳои соҳаи таълиму тарбия ва илму маориф ва сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои мазкур, вижагиҳои сиёсатҳои давлатӣ дар соҳаи маориф ва ғайра ба анҷом расидаанд, аз ҷониби муҳаққиқ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, маводҳои мухталифи илмии хориҷӣ барои баррасии назариявии масъала аз ҷониби диссертант истифода шудаанд. Барои тақвияти андешаҳо ва фарзияҳои илмии диссертатсия, муаллиф аз сарчашмаҳо ва таҳқиқоти анҷомшуда низ иқтибосҳои зиёде овардааст.

Муаллиф дар заминаи таҳлили маводҳои мухталиф кушидааст, ки асосҳои назариявию методологии пажуҳиши раванди пайдоиш ва пешниҳод намудани сиёсатҳои давлатӣ дар соҳаи маорифро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дихад. Инчунин, танзими сиёсатҳои давлатӣ дар соҳаи маориф ва саҳми онҳоро дар ниҳодҳои гуногуни ҷомеа дар раванди идоракунии давлатии сохторҳои мухталифи ниҳодҳои ҳокимиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои фаъолияти онҳо дар ояндаи кишвар мавриди омузиши илмӣ қарор додааст.

Баррасии натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои бадастомада метавонанд дар тақвият ва таҳкими фарҳангу ҳувияти миллӣ ва ҳисси ватандустӣ дар сиёсати

давлатии соҳаи маориф ва илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муфид бошанд. Бинобар ин, диссертатсияи мазкур, барои таҳқиқоти минбаъдаи масоили марбут ба танзими сиёсати дурусти давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи илмию назариявии лозимаро поягузорӣ менамояд, ки дар танзими дурнамои соҳаи мазкур низ дорои фоида ва манфиати илмӣ барои давлату ҷомеа мебошад.

Хулосаҳои бадастомада ба ҳаллу фасли масъалаҳои алоқаманд бо соҳаи танзими сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар кишвар мусоидат намуда, ба сифати асоси назариявӣ барои гузаронидани таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ, инчунин таҳияи сиёсти соҳавии кишвар хизмат мекунанд. Маводи кори диссертатсиониро зимни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, гузаронидани чорабиниҳои давлатӣ, таҳияи курсҳо, дастурҳои таълимӣ, барномаҳо доир ба фанҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ, инчунин гузаронидани машғулиятҳо бо донишҷӯён ва аспирантон истифода бурдан мумкин аст.

Диссертант Гадоев Н.З. дар раванди омода намудани диссертатсия аз методхои мухталифи илмӣ ва усули гуногуни назариявию методологӣ истифода карда, объекти таҳқиқотро ҳамаҷониба баррасӣ намудааст. Муаллиф аз уҳдаи таҳлил ва натиҷагирии масалаҳои баррасишаванда ба хубӣ баромадааст, ки аз маҳорати илмӣ-таҳқиқотии ӯ дарак медиҳад.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса, пешниҳодҳои илмӣ ва руйхати адабиёти истифодашуда дар ҳаҷми 190 саҳифа иборат мебошад. Муаллиф дар муқаддима аҳамият ва мубрамияти кори илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, дараҷаи омузиши мавзуъ ва ҷойгоҳи илмии диссертатсия, объекту предмет, фарзияҳо ва асосҳои назариявӣ ва илмӣ-таҳқиқотии рисола, методологияи, навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшударо ҷойгир намудааст.

Унвони боби якуми рисола **“Асосҳои илмию назариявӣ ва методологии таҳқиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф”** мебошад ва ду зербоб дорад.

Зербоби якуми боби аввал, **“Таҳлили асосҳои илмию назариявӣ ва амалии рушди соҳаи маориф”** ном дошта, зимни ироаи таърифҳои мушаххаси илмӣ дар

бораи мафҳуми сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар соҳаи маориф, таъсироти онро дар тағйироти мухталифи ҷомеа баён мекунад. Ҳамчунин, нависанда дар ин зербоб баён намудааст, ки омили асосӣ ва муҳими таҳаввулот дар сохторҳои ҳокимият аз соҳаи маориф ва илм сарчашма гирифта, инкишофи моддию маънавии тамоми сохторҳои давлатиро бар уҳда дорад. Диссертант масъалаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маорифро аз нуқтаи назари муҳаққиқон ва донишмандони мухталифи шарқию ғарбӣ ва ватанӣ баррасӣ намуда, натиҷа ва хулосаҳои илмии худро пешниҳод намудааст. Ба назари диссертант, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ҷиҳати бунёди ҷомеаи демократӣ ва баланд бардоштани ҷойгҳи инсон дар ҷомеа равона карда шудааст. Дар ин раванд ба Тоҷикистон муяссар гардид, ки дар ростои ворид гардидан ба фазои ягонаи маориф дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, муассисаҳои нави таҳсилоти миёна ва олии касбиро дар сар то сари кишвар ба истифода диҳад ва баҳри боло бурдани таҳсилоти аҳолӣ то дараҷаҳои докторӣ ва доктор (PhD) ва омода намудани мутахассисони варзида заминаҳои қонунию ҳуқуқӣ ва сиёсию иҷтимоиро дар ниҳодҳои марбута фароҳам намояд.

Муаллиф дар зербоби дуюми боби аввал, ки таҳти унвони **“Омилҳои ташаккул ва инкишофи маориф дар раванди дигаргуншавии ҷомеа”** номгузорӣ шудааст, ба падидаи афзоиши босуръати илм дар ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ишора намудааст. Рушди пуршитоби дониш дар ҷаҳон дигаргуниҳои зиёдеро ба вуҷуд овардааст, аз ҷумла тағйироти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва ғайра. Дар асри фановарии иттилоот ҳатто шакли идораи давлатҳо низ фарқияти зиёде пайдо намудаанд. Замоне, ки чунин суръати баланд дар инкишофи илмӣ вуҷуд надошт, муносибати давлат бо шаҳрвандон ва брюкратияи миёни онҳо ҳам аз назари шакл ва ҳам аз назари маъно тафовут дошат. Аммо, пас аз инкишофи босуръати илм дар тамоми сатҳи ҷаҳон, шакли муносибати давлат бо шаҳрвандон ва брюкратия низ дучори тағйироти асосӣ гашта, ҳатто интихоботҳо, хизматрасониҳои умумии давлатӣ ва ғайра низ бо пешратфҳои назаррас мувоқеҳ гаштанд. Пайдо шудани идеяи давлати электронӣ ҳам бар асоси ҳамин пешрафтҳои илмӣ мебошад, ки шакли муносибати зоҳирии

давлат бо шаҳрвандонро дар намудҳои нав поярезӣ менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яке аз ин тағйироти калидӣ, гузаштан ба сатҳи таҳсилоти нави ҷаҳонӣ мебошад, ки аз таҳсилоти ибтидоӣ оғоз мешавад ва то таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидимпломӣ ва ҳамчунин то мутахассису профессори соҳа низ идома меёбад. Ҳамон гуна, ки маълум аст, омили асосии чунин тағйироти назаррас ва пуршитоб дар соҳаи илму маорифи кишвар, таҳаввулоти ҷаҳонӣ ва пешрафти босуръати илму дониш дар сатҳи ҷаҳон мебошад.

Унвони боби дуюми рисола **“Раванди татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф”** мебошад ва се зербоб дорад.

Зербоби якуми боби дуюм, ки **“Мақом ва нақши сиёсати давлат дар инкишофи маориф”** ном дорад, масъалаи ҷойгоҳ ва нақши сиёсатҳои давлатиро дар рушду инкишофи соҳаи илму маорифи кишвар мавриди баррасӣ қарор додааст. Замоне, ки тағйирот дар сатҳи калони ҷомеаи ҷҳонӣ рух дода бошад, ҳатман таъсироти он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хоҳад расид. Дар ин марҳила, бояд ба сиёсати ҷаҳонӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуд, аммо дар дохили давлат низ бояд сиёсатҳои мутаносиб бо фарҳангу ҳувияти миллии ҷомеаи Тоҷикистон ҳам таҳия ва танзим гарданд. Маҳз дар ин ҳолат нақшу ҷойгоҳ ва мақоми сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф бисёр арзишманд ва дорои аҳамият мебошад, ки бояд онҳоро ҳар рузу ҳар лаҳза бо раванди тағйироту таҳаввулоти ҷаҳонӣ ҳамоҳангсозӣ намуд. Зеро, сиёсатҳои давлатӣ дар соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муҳимтарин самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлатӣ ба ҳиосб рафта, ҷиҳати иҷрои бомуваффақияти масоили мазкур бояд ба чанд мафҳуми асосӣ дар ин соҳа аз ҷумла ба роҳ мондани фазои тарбиявӣ ҳамзамон бо фазои таълим, дар назар гирифтани фазори гузариш ба низомҳои нави таълим, зарурати ислоҳот дар низоми таълиму тарбият ва ғайра таваҷҷуҳи махсус намуд.

“Раванди модернизатсионии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф”, унвони зербоби дуюми боби дуюми рисола қарор дода шудааст. Дар ин зербоб ба баррасии сохторию институтсионалии тағйирот дар низоми таълиму тарбият дар ҷомеаи ҷаҳонӣ бо таваҷҷуҳ ба раванди модернизатсия пардохта шудааст. Раванди модернизатсия дар ҷаҳон ба ҳамаи самтҳои ҳаёти иҷтимоӣ нигаронида

шудааст. Ин мафҳум дар худ ба таври зимнӣ маънои гузариш аз низомҳои пешина ба низомҳои навро низ ифода мекунад. Ин тағйироту дигаргуниҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба мисли ҳар кишвари дигар таъсироти худро гузошта, ки ба ҳамин ҷиҳат наметавон сиёсатҳои давлатӣ дар соҳаҳои мухталиф ва махсусан соҳаи маорифро аз он тағйирот ба дур тасаввур намуд. Таҳти таъсири фазои мазкур давлатҳо дар раванди демократикунонӣ қарор гирифта, иқтисоди давлатӣ дар ҷараёни бозори озод ва рақобатӣ ҳаркат намуда, системаи таълиму тарбияти кишварҳо низ дар ҳолати гузариш ба фазои нави таълиму тарбият қарор гирифтанд. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, ки агар бо дар назардошти раванди модернизатсионӣ таҳия ва танзим шаванд, бояд ба масъалаи гузариш аз низоми пешинаи таълиму тарбия ба низоми нав, рақобатпазирӣ дар соҳаи маориф ва илм, эҳёи фарҳангу ҳуввияти миллӣ ва тақвияти арзишҳои миллӣ ва таҳкими ҳисси ватандустӣ ва ғайра низ таваҷҷуҳ намуд.

Зербоби сеюми боби дуюм **“Ҳолат ва дурнамои рушди низоми маориф дар шароити ҷомеаи тағйирёбанда”** номгузорӣ шудааст. Диссертант тағйироти куллӣ ва асосиеро, ки дар соҳаи маориф пас аз соҳибистиқлолӣ ба даст омадааст мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ин зербоб таъкид шудааст, ки соҳаи маориф ҳам дар шакл ва ҳам дар маъно пас аз соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироти ҷиддӣ ва заруриро аз сар гузаронидааст. Афзоиши теъдоди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ ва баъдидипломӣ ва ҳамчунин ба роҳ мондани низоми таҳсилоти доктор (PhD) ва ғайра аз ҷумлаи ин тағйирот дар замони истиқлолият ба ҳисоб мераванд. Инчунин, диссертант дар дурнамои низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия медиҳад, ки агар чанд нукта мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад, ояндаи низоми таълиму тарбият ва илму маориф дар кишвар ба таври мунтазам ба рушду инкишоф ва пешрафти ҳамаҷониба ноил мегардад. Ҳар чӣ бештар наздик намудани низоми таҳсилот ба сатҳу дараҷаҳои низоми маориф дар сатҳи ҷаҳонӣ, таваҷҷуҳи махсус ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии гуруҳӣ (Teamwork) дар таҷрибаомузиҳо ва корҳои илмӣ-амалӣ дар раванди таҳсилот, ҳамоҳанг намудани самти таҳсилот аз ибтидоӣ то олии касбӣ дар самтҳои мушаххаси илмӣ-таҳқиқотӣ ба он маъно, ки як шахс дар яке

аз зинаҳои таҳсилоти худ самте аз илмро мавриди назар дорад, аммо дар зинаҳои болотар самти илмии худро тағйир медиҳад, ки ин масъала аз номаълум будан ва бидуни мақсад таҳсил намудани он фард дарак медиҳад, таъмини имкониятҳо ва фазои илмию тарбиятии яксон ва ягона барои ҳамаи шаҳрвандон ва ғайра аз нуктаҳои калидии мавриди назари диссертант дар танзими дурнамои сиёсатҳои давлатӣ дар соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

Хулосаи диссертатсия масоили муҳиме, ки дар раванди таҳқиқоти илмӣ ба даст омадаанд, баён мекунад. Ҳамчунин муаллиф ҷиҳати хубтар ба роҳ мондани пешниҳодҳои илмии мавриди назари худ ва танзими беҳтари сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар дурнамои Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсияҳои худро баён намудаанд. Хулосаҳо ва тавсияхои пешниҳодшуда барои иҷроиши беҳтари паҳлуҳои амалии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва саҳмгузории самараноки онҳо дар ҷомеа ва ҳалли мушкилоти онҳо бисёр мухим арзёби гашта, дар рафти таҳқиқоти рисолаи илмӣ тартиб ва интизоми фикрию мантиқӣ ва хулосабарориҳои илмию таҳқиқотӣ нисбат ба дигар масъалаҳо афзалияти хосса пайдо намудаанд.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз руйи мавзуи диссертатсия. Аз руйи мавзуи диссертатсия муаллиф як монография, 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст. Ғайр аз ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар шакли маърузa пешниҳод гардидаанд, ки бо банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Бояд зикр кард, ки диссертатсия дар баробари муваффақиятҳо аз баъзе камбудиҳо низ холӣ намебошад, ки чанд маврид аз онҳо иборатанд аз:

1. Муаллиф ба масъалаи раванди модернизатсия дар соҳаи маориф таваҷҷуҳ намудааст, аммо ба масъалаҳое, ки имруз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ниёзи кишварҳо ба соҳаи илмҳои дақиқ, техникӣ, табиӣ ва риёзӣ бештар аз дигар самтҳои илму дониш мебошад, диққати хосса надодааст. Ҳол он масъалаи мазкур яке аз

масъалахое мебошад, ки Ҳукумати кишвар онро мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор додааст. Аз ин ҷост, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати милли Пешвои миллат муҳтарам Эмоммалӣ Раҳмон 20 – солаи рушди илмиҷои дақиқ дар кишвар эълон карда шуд. Аз ин ру, диссертантро лозим аст, ки ба масъалаи мазкур ва роҳҳои амалишавии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқоти илмии худ таваҷҷуҳи зиёдтар намояд.

2. Масъалаи дигаре, ки муҳаққиқ нисбати он дар таҳқиқоти худ бетаваҷҷуҳӣ намудааст, рушду инкишофи босуръати ҳуши маснуӣ ва таъсироти асосии он ба раванди таълиму тарбияи шахрвандон мебошад. Ҳамагӣ чанд соле беш нест, ки ҳуши маснуъӣ дар ҷаҳон бо чунин суръати баланд дар ҳоли пешрафт мебошад, аммо диссертант дар таҳқиқоти илмии худ бояд ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, то дар танзими сиёсатҳои давлатӣ дар соҳаи маориф, махсусан дар дурнамои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд саҳм ва ҷойгоҳи ҳуши маснуиро мадди назар қарор медоданд.

3. Дар кори илмии мазкур, ки ба рушди сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, пешниҳоди усулҳои нави таълим дар мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ кам ба назар мерасанд. Бояд қайд намуд, ки зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз қисми муҳими рушди маориф ва поягузори таълуму тарбия ба шумор меравад. Хуб мебуд, ки агар муаллиф ба масъалаи мазкур диққати бештар менамуд.

4. Дар кори илмӣ бехтар мебуд, агар муаллиф ҷанбаҳои мусбат ва манфии истифодаи технологияи муосирро дар раванди таълим дар Донишгоҳҳои олии кишвар нишон медод. Зеро дар баробари пешравиҳо дар бобати масъалаи мазкур баъзе мушкилотҳо низ ҷой доранд, махсусан, донишҷӯён бо истифода аз ҳуши маснуъи аз хондани адабиёти илмӣ ва китобҳои дарсӣ дур монда истодаанд.

Эродҳои дар боло зикршуда аз арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсия кам намекунад. Зеро, довталаби дарёфти дарачаи илмӣ тавонистааст дар доираи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти худ амал намуда, масоили марбут ба онҳоро бо раванди илмию мантиқӣ, ба сурати комил мавриди таҳлили қарор дихад.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ. Диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи «Сиёсатҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсию ичтимоӣ)» таҳқиқоти пурра анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо, ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Тақризи мазкур дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2025, протоколи № 1 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар маҷлис 11 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа:

Мудири кафедраи сиёсатшиносӣ ва
робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент
Музаффарзода Фазлиддин _____

Ташхисгар:

Номзади илмҳои сиёсӣ,
дотсент Тураева З.Ю. _____

Котиби илмии ҷаласа:

номзади илмҳои сиёсӣ Расулзода Рухсора _____

Имзоҳои Музаффарзода Ф., Тураева З.Ю. ва Расулзода Р. ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Зоирхонзода Ф.З. _____

Суроғаи муассисаи нашбар:

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе.

н. Исмоили Сомонӣ, к. Саид Носир 33.

Тел.: (992-37) 224-89-45

E-mail: info@apa.tj